**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН[1] ДАР СЕМОҲАИ ДУЮМИ СОЛИ 2023

*Дар давоми семоҳаи дуюми соли 2023 бо дар назардошти фазои мусоиди макроиқтисодӣ дар кишвар нишондиҳандаҳои асосии низоми молиявӣ тамоюли муътадил дошта, ба меъёрҳои мақбули муқарраршуда ҷавобгӯ буданд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи дуюми соли 2023 меъёри кифоятии сармоя дар низоми бонкӣ (К1-1) ба 24,4 фоиз баробар гардид, ки аз талаботи муқарраршуда 12,4 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 0,7 б.ф. кам мебошад. Дар ин давра сармояи танзимшаванда ва дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашудаи низоми бонкӣ мутаносибан ба андозаи 23,0 ва 26,5 фоиз афзоиш ёфта, ба зиёд шудани меъёри кифоятии сармоя (К1-1) мусоидат намуданд. Меъёри К1-3 нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 0,1 б.ф. афзоиш ёфта, ба 19,9 фоиз баробар гардид.

Мавриди зикр аст, ки аз сатҳи талаботи ҳадди ақал баланд қарор доштани нишондиҳандаи меъёри кифоятии сармоя ба кам шудани талафоти эҳтимолии молиявӣ ва таъмини фаъолияти бемамониати низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи меъёри мақбул мутобиқ буда, 84,5 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба семоҳаи дуюми соли 2022 ба андозаи 16,7 б.ф. кам мебошад.

*1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ*




*2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)*




---

[1] *Бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ТАҚХ*

Пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ низ дар сатҳи муносиб қарор дошта, 86,8 фоизро ташкил намуд.

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯи дороиҳо ва сармоя дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда, мувофиқан 5,9 фоиз ва 29,9 фоизро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 мутаносибан ба андозаи 3,2 б.ф. ва 14,2 б.ф. кам мебошанд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ аз 13,4 фоиз дар интиҳои моҳи июни соли 2022 то ба 11,5 фоиз дар давраи ҳисоботӣ коҳиш ёфт.

Нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол бошад, дар ин давра ба 96,0 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи июни соли 2022 ба андозаи 6,6 б.ф. зиёд мебошад.

**Хавфи асъорӣ.** Дар интиҳои семоҳаи дуюми соли 2023 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар низоми бонкӣ дароз ҷамъбаст гардида, андозаи он 2,9 фоизро ташкил намуд, ки ба меъёри муқарраршуда (К6-1) мувофиқ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар муқоиса ба моҳи июни соли 2022 ба андозаи 1,4 б.ф. ва пасандозҳои асъорӣ ба андозаи 6,2 б.ф. афзоиш ёфта, мувофиқан 31,0 фоиз ва 47,7 фоизро ташкил намуданд.

*3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя*




*4. Сифати сандуқи қарзӣ*




*5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ*




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*